*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

# *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзӯи: «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)***

Қайд намудан бамаврид аст, ки имрӯзҳо маҳз тавассути сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳои зарурӣ барои рушди шаклҳои гуногуни хизматрасонӣ дар Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст.

Дар баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 28 декабри соли 2024 чунин қайд намудаанд: “... Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст”, ки яке аз самтҳои он: то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот; истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ мебошад. Бинобар он ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шудааст.

Аз ин лиҳоз унвонҷӯ Алимова Муборак дар автореферати худ қайд намудааст, ки рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад. Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи аввалии бозсозии муносибатҳои иқтисодиро, бидуни низоми муосири иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ки барои идоракунии хоҷагиҳои дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда

ниҳоят муфид ва фоидаовар аст, ғайриимкон мебошад фаъолияти худро, дар самти ҷоннок намуда, ҳадафи олии худ эълон кардааст.

Вазифаҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти кишвар ва рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (минбаъд БХАМ) дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти муосир, инқилоби босуръати технологӣ, хусусан раванди инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ, минтақавӣ, навсозии унсурҳои иқтисодиёт, тақвиятёбии муносибатҳои фосилавии иқтисодӣ муҳим ва рӯзмарра мебошад. Таҳлили маҷмӯии раванди мазкур шаҳодат медиҳад, ки соҳаи алоқаи мобилӣ (минбаъд АМ) ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсир расонида, аз бахшҳои мустақили зудрушдкунандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Суръати миёнасолонаи рушди он нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, ки дар заминаи технологияҳои рақамӣ амал менамояд назаррас мебошад ва бо туфайли он тамоми соҳаҳо ва зерсохторҳои иқтисодиёт бо ҳам алоқаманд карда мешаванд.

Унвонҷӯ Алимова Муборак дар асоси таҳлили назариявӣ, хулосае асоснок кардааст, ки нуқтаи назари ягонаи олимони интихобшуда оид ба такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳаи хизматрасонии мобилӣ таҳлили васеи адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир таваҷҷӯҳи олимони ватанию хориҷӣ ба таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти бозори хизматрасонии алоқа дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт зиёд шуда истодааст.

Зеро қайд кардан лозим аст, ки унвонҷӯ дар таҳқиқот диққати асосӣ ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методӣ, арзёбии омилҳои мутаассир, коркарди амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионӣ, нақш ва мавқеи он, такмили механизми ташкилию иқтисодӣ, таҳияи самтҳои афзалиятнок, ояндадор, стратегии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт равона гардидааст. Аз таҳлилҳои муаллиф натиҷа баровардан мумкин аст, ки гипотеза (фарзия)-и тадқиқотии диссертатсияи мазкур аз фарзияи илмие иборат аст,

ки роҳи ҳалли масъалаҳо ба мавҷуд будани сармояи ниҳоят калон вобаста аст. Дар шароити муосир ба ҳукумати кишвар лозим буд, ки ҷиҳати даст кашидан аз инҳисороти давлатӣ дар соҳаи технологияҳои рақамӣ чораҳои мушаххас андешад. Зеро, тамоми имкониятҳо барои қонеъ гардонидани истифодабарандагон ва субъектҳо, фароҳам овардани шароити мувофик дар бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ ба манфиати истифодабарандагони инфиродӣ равона карда шуданд.

Бо назардошти ин таҳлилҳои гузаронида шуда ва ба итмом расонидани рисолаи номзадии Алимова Муборак, новобаста аз мавҷуд будани арзиши баландӣ илмӣ, дар диссертатсия чунин норасоиҳо мушоҳида гардид:

1. Мавзӯи интихобшуда хеле паҳлуҳои гуногун дорад, бинобар ин муаллиф бояд вазифаҳоро ба таври васеъ омӯхта дар оянда боз ҳам амиқтар таҳқиқ кунад.
2. Хуб мешуд дар асоси SWOT ва PEST – таҳлил ва хулосабардорӣ карда мешуд

Норасоиҳои мушоҳида гардида, дар маҷмӯъ сатҳи баланди илмии диссертатсияро паст намекунанд. Маводҳои илмии нашршуда ва автореферати таҳия гардида, шаҳодат медиҳанд, ки мавзӯи таҳқиқоти хуб таҳқиқ гардида, диссертатсияро кори ба итмомрасида шуморидан мумкин аст. Ҳамаи инҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Алимова Муборак сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Муқарриз**
**д.и.и., профессори ДДҲБСТ** **Ризозода Т.Р.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, мкр-н 17., Телефон: (+992) 927777735. E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои профессор Ризозода Тура Раббим-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқук, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС